«ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ»
Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон номзади илмҳои педагогӣ, дотсент
Сафарзода Д.Ҷ._____
«23» 02 соли 2026

ХУЛОСАИ

кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Диссертатсияи Каримов Раҳматулло Рамазонович дар мавзуи “Дипломатияи об ва ҷойгоҳи он дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз руйи ихтисоси 5.6.4. – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ дар кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода шудааст.

Дар давраи омода гардидани диссертатсия Каримов Раҳматулло Рамазонович унвонҷуи кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёфт. Каримов Раҳматулло Рамазонович соли 2016 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси «Журналистика», (Дипломи ДМБ № 0065440), соли соли 2023 Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо ихтисоси “Менеҷменти сиёсӣ” ва бо касби сиёсатшинос – менеҷер (Дипломи ДТО № 0285132). Айни замон ба ба ҳайси ҳамкори кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст.

Имтиҳонҳои номзадиро аз фанни фанни таърих ва фалсафаи илм 5 июни соли 2024, бо баҳои 5 (аъло), аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) 23 ноябри соли 2024, бо баҳои 4 (хуб) ва аз руи тахассуси сиёсатшиносии умумӣ 11 сентябри соли 2025, бо баҳои 4 (хуб) ва Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ (илмҳои сиёсӣ) 19 сентябри соли 2025, бо баҳои 5 (аъло) супоридааст.

Роҳбари илмӣ – доктори илмҳои сиёсӣ, профессори кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Қуватзода Сайдулло Зувайд.

Диссертатсияи Каримов Раҳматулло Рамазонович дар мавзуи “Дипломатияи об ва ҷойгоҳи он дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз руйи ихтисоси 5.6.4. – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ дар ҷаласаи васеи кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима гардида, барои ҳимоя тавсия шудааст.

Дар раванди муҳокимаи диссертатсия иштирок намуданд: Мудири кафедра н.и.с., дотсент Музафарзода Ф., д.и.с., профессор Саидов Ҳ.С., д.и.с., профессор Миралиён Қ.А., д.и.с., профессор Қуватзода С.З. д.и.с., профессор Шарифзода Л.Ш., д.и.с, дотсент Сафарализода Х.Қ., Доктор, (PhD), аз руи ихтисоси 6D050204 номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Абдулбосит С., н.и.с., дотсент Наимов М.Р., н.и.с., м/к Турдиназаров А., н.и.с., м/к Расулзода Р., н.и.с., Ҷобиров И.Ф., асс., Хидиров Н.Н., асс., Абдуллоев Н.С., асс., Муминов М.А., асс., Нуруллоев Ш., асс., Пиров Д. ва коргузори кафедра Зарипов Х.И.

Кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон диссертатсияи Каримов Раҳматулло Рамазоновичро муҳокима ва баррасӣ намуда, хулосаи зеринро пешниҳод намудааст:

Диссертатсияи Каримов Раҳматулло Рамазонович ба омӯзиши ҷойгоҳи сиёсию дипломатияи об, ки дар шароити муосир аҳамияти хосро пайдо кардааст. Дипломатияи об самти нави муносибатҳои дипломатӣ маҳсуб ёфта, дорои хусусият ва қонуниятҳои хоси худ мебошад, ки омӯзиш ва таҳқиқи ҳамаҷонибаи илмии он дар илмҳои сиёсӣ муҳим арзёбӣ карда мешавад.

Ин таҳаввулот боис шудааст, ки масъалаҳои вобаста ба об на танҳо ҳамчун мушкили техникӣ ё иқтисодӣ, балки ҳамчун самти мустақили пешбурди гуфтушунид ва ҳамкории сиёсӣ арзёбӣ шаванд. Дар натиҷа, дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ мафҳуми «дипломатияи об» ташаккул ёфта, он ҳамчун абзори муҳимми ҳамоҳангсозии манфиатҳо ва таҳкими ҳамкории давлатҳо дар соҳаи идоракунии захираҳои обӣ мавқеи хосро ишғол намудааст.

Ин гуна воқеияти объективии табиӣ ба миён омадани зарурати ҳамкории фарогир ва ҳамгироии муназзами байнидавлатии кишварҳои шомили ҳавзаи ягонаи обиро шарт мегузорад ва аҳаммияти таҳким бахшидани дипломатияи обро ба таври назаррас афзоиш медиҳад. Дар чунин шароит, ҳамоҳангсозии манфиатҳо ва талошҳои муштарак дар соҳаи

идоракунии захираҳои обӣ ба унсури муҳимми таъмини субот ва рушди устувори минтақаҳо табдил меёбад.

Дар дисертатсия қайд шудааст, ки бо афзоиши нақши захираҳои обӣ дар шаклгирии муносибатҳои байналмилалӣ, минтақавӣ ва байнидавлатӣ ва табдил ёфтани он ба унсури таъсиргузори сиёсӣ, ниёз ба таҳқиқоти фарогир ва амиқи илмӣ дар соҳаи дипломатияи об бештар эҳсос мегардад. Аз ин рӯ, баррасии мафҳум ва моҳияти дипломатияи об, омилҳои ташаккул ва вижагиҳои фарқкунандаи он, инчунин муайян сохтани ҷойгоҳ ва аҳаммияти ин падида дар низоми илмҳои сиёсӣ ва сохтори муносибатҳои ҷаҳонӣ аҳаммияти махсус касб мекунад.

Ҳамзамон, бо дарназардошти нақши хоси дипломатияи об дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тақвияти ҳамаҷониба ва муаррифии фаъоли ин самт дар сатҳи байналмилалӣ ҳамчун яке аз вазифаҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии кишвар арзёбӣ мешавад.

Дар таҳқиқоти илми оварда шудааст, ки об дар таъмини ҳамгироӣ ва муттаҳидии ҷомеа ҷойгоҳи махсус дошта, нахустзаминаи баҳамоии қабилаҳо ва халқу миллатҳо дар даврaҳои ибтидоӣ ва баъдии таърихӣ маҳсуб меёбад. Маълум аст, ки нахустин шаклҳои шаҳрнишинӣ, давлатдорӣ ва тамаддунҳои башарӣ асосан дар канори дарёҳо, баҳрҳо ва уқёнусҳо пайдо шуда, тадриҷан рушд ёфтаанд. Дар тамоми марҳилаҳои таърихӣ ҷомеаи башарӣ ҳамеша барои такмил додани усулҳо ва иқтидорҳои идоракунии захираҳои обӣ талош намудааст. Ин раванд ба ташаккули низомҳои ирригатсионӣ мусоидат карда, дар натиҷа заминаи рушди тамаддуни кишоварзӣ ва пешрафти иҷтимоиву иқтисодии ҷомеа фароҳам омадааст.

Ҳамзамон, идоракунии захираҳои об, бахусус бунёд ва рушди инфрасохтори ирригатсионӣ, ҳамкории ҳамоҳангшуда ва иштироки дастаҷамъонаи ниҳодҳои гуногунро талаб менамояд. Маҳз ҳамин омил боиси таҳкими ҳамбастагии иҷтимоӣ, густариши ҳамзистии осоишта ва рушди ҳамкориҳои мутақобилаи миёни гурӯҳҳо ва халқҳои гуногун гардидааст.

Маводи диссертатсия дар раванди таълими фанҳои сиёсӣ, идоракунии давлатӣ, дипломатия, менеҷменти сиёсӣ, равандҳои сиёсӣ ва инчунин дар таҳияи барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва дигар барномаҳои давлатӣ метавонад истифода шавад. Хулосаҳои бадастомада ба ҳаллу фасли масъалаҳои алоқаманд бо соҳаи сиёсати рушди глобалӣ ва минтақавӣ мусоидат намуда, ба сифати асоси назариявӣ барои гузаронидани таҳқиқоти минбаъда ва ҳамчунин таҳияи сиёсатгузориҳо ва лоиҳасозиҳо барои дар чаҳорчубаи муайян қарор додани фаъолияти намояндагони дипломатӣ ва

[8-М]. Каримов, Р.Р. Нақши пешниҳодҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба об дар ҳалли мушкилоти обии сайёра [Матн] / Р.Р. Каримов // Конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Мафкурасозии сиёсӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ” Душанбе, 2024. – С. 290-306.

[9-М]. Каримов, Р.Р. Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими геополитикаи муосир [Матн] / Р.Р. Каримов // Конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар таҷдид ва рушди фарҳанги миллӣ” - Душанбе, 2025. – С. 467-475.

Хулосаи мазкур дар маҷлиси васеи кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 20-уми феврали соли 2026, №7 қабул гардидааст. Дар ҷаласаи кафедра 14 нафар иштирок намудаанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 14 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

Раиси маҷлис:
Мудири кафедраи сиёсатшиносӣ
ва робита бо ҷомеаи Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Музафарзода Ф.

Котиби маҷлис:
Коргузори кафедраи сиёсатшиносӣ
ва робита бо ҷомеаи Академияи
идоракунии давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Зарипов Х.И.

Имзои Музафарзода Ф. ва Муминов М.А.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо,
коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Насурдинзода А. Н.
23.02.2026

Суроғаи муассиса:
734003 – Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили
Сомонӣ, кучаи Саид Носир, №:33,
Тел: 224-89-45.
Сомонаи расмӣ: www.apa/tj